# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

аз «19» 01 2022 сол. № 10 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии ба бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд

Мутобиқи сархати чордаҳуми моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он"

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Қарори мазкур бо тартиби муқарраргардида ба Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мувофиқа намудан пешниҳод карда шавад.
3. Қарори мазкур баъд аз мувофиқа намудан бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шавад.
4. Қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2016, №24 "Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд" аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони раис гузошта шавад.

Раис Хоҷазода О. А.

**ХАДАМОТИ**
**ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734033, ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 24, телефон: (992-372) 223-10-08, 223-07-28, 2121
факс: (992-372) 227-78-82, email: info@ams.tj, сайт: www.ams.tj

№ 02-073/334 аз « 19 » марта соли 2022
№2/22-1085(9.35) аз 15 марти соли 2022

Ба Абдуллозода З. 31.03.22с
Умариён Р.Ф.
барои корбарӣ
30.03.22.
Ба Шарифзода С.Н.
01.04.22.

Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқамандро ҷиҳати истифода дар фаъолият пешниҳод менамояд.

Муовини якуми
Сардори Хадамот С. Қурбонзода

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН
ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУРОСИЛОТИ ВОРИД
№ 864 30 03 с.20 22

Раёсати ҳимоя ва рушди рақобат
тел: 223 07 69

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

аз «30» 05 2023 сол. № 35 ш.Душанбе

Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба қарори
раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19. 01. 2022, №10

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19. 01. 2022, №10 «Дар бораи нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд» иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- ба банди 13 боби 2 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

-«Ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии техникии ҷорӣ танҳо бузургии (параметри) объекте, ки дар он тағйироти ҷорӣ ба амал омадааст, нархгузорӣ карда мешавад».

-дар ҷумлаи дуюми банди 18 боби 2 пас аз калимаи «намешавад» калимаҳои «инчунин ошёнаҳои зеризаминӣ ва мансард» илова карда шавад.

2. Қарори мазкур пас аз мувофиқа намудан бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми раис гузошта шавад.

Раис Хоҷазода О. А.

ХАДАМОТИ
ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, 24 телефон: (992-372) 223-10-08, 223-07-28,
факс: (992-372) 223-08-79, email: info@ams.tj. Сайт: www.ams.tj

№ 02-04/704 аз «31» майи соли 2022
Ба №1/22-1795(9.35) аз 22 майи соли 2023

Ба Умаров Р. Ф.
барои корбарӣ
31.05.23

Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ҷиҳати ворид намудани иловаҳо дар бандҳои 13 ва 18 боби 2-и “Нархномаҳо барои хизматрасонии корҳои барӯйхатгирии техникӣ” баррасӣ намуда, пешниҳоди мазкурро бо назардошти бетағйир мондани арзиши хизматрасонӣ қобили қабул мешуморад.

Бо эҳтиром,

Муовини якуми
Сардори Хадамот С. Қурбонзода

1475 31.05. 23

иҷр: раёсати ҳимоя ва рушди рақобат
тел: 223 07 69

Бо қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, таҳти №10 тасдиқ карда шудааст
(бо назардошти тағйирот аз 30.05.2023, №35)

Бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд

# БОБИ II

## Нархномаҳо
## барои хизматрасонии корҳои барӯйхатгирии техникӣ

# МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нархномаҳо оид ба корҳои хизматрасонии барӯйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқул (боби 2) тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва банди 4 «Низомномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиб дода шуда, дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор мегардад.

2. Тартиби гузаронидани корҳои барӯйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқул мутобиқи Қонуни ҶТ аз 20 марти соли 2008, №375 «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», Асосҳои таъин ва тартиби барӯйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқул, инчунин санҷиши тавсифи молу мулки ғайриманқул ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда амалӣ карда мешавад.

3. Ҳангоми бо хоҳиши фармоишгар ба таври фаврӣ иҷро намудани корҳо ба нархҳои Нархномаи мазкур коэффитсиенти К-2,0 бо бастани шартнома тибқи тартиби қонунгузории амалкунанда амалӣ карда мешавад.

4. Нархҳо оид ба хизматрасонии корҳои барӯйхатгирии техникӣ дар ҳолати шароити мӯътадил ва мусоиди табиӣ барои корҳои саҳроӣ муайян шудааст. Ҳангоми дар шароити номусоиди меҳнатӣ гузаронидани корҳои саҳроӣ ба нархҳои Нархномаи мазкур коэффитсиентҳои афзункунандаи зерин истифода бурда мешавад:

- ҳангоми аз $0^0$ С паст будан ва аз $40^0$С баланд будани ҳарорати ҳаво ва шароити номусоиди боду ҳаво коэффитсиенти К-1,3;
- ҳангоми иҷрои корҳои саҳроӣ дар шароити амалкунандаи таҷҳизотҳои технологӣ, ҳаракати бошиддати нақлиёт ва дигар шароитҳои ба ин монанд коэффитсиенти К-1,3;

Оиди ин шароитҳо санади тасдиққунандаи роҳбари корхона бо мувофиқаи кумитаи иттифоқи касабаи корхона тартиб дода мешавад.

5. Нархнома барои хизматрасонии корҳои барӯйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқули иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва иштирокчиёни воқеаҳои Чернобил 50 фоиз ва ба оилаҳои камбизоат 30 фоиз тахфиф муқаррар карда мешавад.

6. Мӯҳлати тайёр намудани шиносномаи техникии молу мулки ғайриманқул аз тарафи ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул муайян карда мешавад.

7. Ҳангоми тайёр намудани шиносномаи техникӣ вобаста ба масоҳати умумии биноҳо коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешаванд:

- аз 1 000 $м^2$ то 2 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 2 000 $м^2$ то 3 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 3 000 $м^2$ то 4 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 4 000 $м^2$ то 5 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;

- аз 5 000 $м^2$ то 6 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,5;
- аз 6 000 $м^2$ боло коэффитсиенти камкунандаи К-0,4.

8. Ҳангоми тайёр намудани шиносномаи техникӣ вобаста ба шумораи умумии ниҳолҳои бисёрсола коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешаванд:
- аз 1 000 дона то 5 000 дона коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 5 000 дона то 10 000 дона коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 10 000 дона то 15 000 дона коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 15 000 дона то 20 000 дона коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 20 000 дона то 25 000 дона коэффитсиенти камкунандаи К-0,5;
- аз 25 000 дона зиёд коэффитсиенти камкунандаи К-0,4.

9. Ҳангоми тайёр намудани шиносномаи техникӣ вобаста ба дарозии иншоотҳои муҳандисии хаттӣ коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешаванд:
- аз 2 000 м то 5 000 м коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 5 000 м то 10 000 м коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 10 000 м то 15 000 м коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 15 000 м то 20 000 м коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 20 000 м то 25 000 м коэффитсиенти камкунандаи К-0,5;
- аз 25 000 м боло коэффитсиенти камкунандаи К-0,4.

10. Ҳангоми тайёр намудани шиносномаи техникӣ вобаста ба масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешаванд:
- аз 5 000 $м^2$ то 7 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 7 000 $м^2$ то 10 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 10 000 $м^2$ то 15 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 15 000 $м^2$ то 20 000 $м^2$коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 20 000 м то 25 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,5;
- аз 25 000 $м^2$ боло коэффитсиенти камкунандаи К-0,4.

11. Ҳангоми тайёр намудани шиносномаи техникӣ вобаста ба масоҳати майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешаванд:
- аз 2 000 $м^2$ то 4 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 4 000 $м^2$ то 6 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 6 000 $м^2$ то 8 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 8 000 $м^2$ то 10 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 10 000 м то 12 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,5;
- аз 12 000 $м^2$ боло коэффитсиенти камкунандаи К-0,4.

12. Ҳангоми тайёр намудани шиносномаи техникӣ вобаста ба масоҳати қитъаҳои замини зери роҳҳои нақлиётӣ коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешаванд:
- аз 10 000 $м^2$ то 30 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 30 000 $м^2$ то 50 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 50 000 $м^2$ то 70 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 70 000 $м^2$ то 90 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 90 000 м то 100 000 $м^2$ коэффитсиенти камкунандаи К-0,5;

- аз 100 000 м² боло коэффитсиенти камкунандаи К-0,4.

13. Барои тайёр намудани шиносномаи техникӣ ҳангоми гузаронидани тағйироти ҷорӣ коэфитсенти камкунандаи К-0,7 аз Нархномаи баруйхатгирии техникии асосӣ истифода бурда мешавад. **Ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии техникии ҷорӣ танҳо бузургии (параметри) объекте, ки дар он тағйироти ҷорӣ ба амал омадааст, нархгузорӣ карда мешавад (қарор аз 30 майи соли 2023, №35).**

14. Барои тайёр намудани шиносномаи техникӣ оиди бартарафсозии молу мулки ғайриманқул Нархномаи баруйхатгирии техникии асосӣ истифода бурда мешавад.

15. Нархномаи тайёр намудани шиносномаи техникии такрорӣ (нусха аз асл, дубликат), иваз намудани шиносномаи техникӣ ҳангоми фарсудашавӣ, корношоямӣ ва дигар ҳолатҳои ба инҳо монанд (дар мавриди мавҷуд набудани тағйироти ҷорӣ) бо истифодаи коэфитсенти камкунандаи К-0,5 ва тайёр намудани нақшаи имконияти тақсимоти молу мулки ғайриманқул бо истифодаи коэфитсенти камкунандаи К-0,4 аз Нархномаи баруйхатгирии техникии асосӣ ҳисоб карда мешавад.

16. Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқии аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда, инчунин оромгоҳҳо, масҷидҳо, ташкилоту муассисаҳои динӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии барои истифодаи аҳолӣ пешбинишуда ба Нархномаи шахсони воқеӣ баробар ҳисоб карда мешавад.

17. Дар мавриди кам шудани маблағи хизматрасонӣ барои корҳои баруйхатгирии техникӣ ҳадди ақали Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникӣ чунин муқаррар карда мешавад:

а) Ҳадди аққали Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникӣ ҳангоми гузаронидани баруйхатгирии техникии асосӣ:

- барои шахсони воқеӣ 350 (сесаду панҷоҳ) сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ 700 (ҳафтсад) сомонӣ.

б) Ҳадди аққали Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникӣ ҳангоми гузаронидани баруйхатгирии техникии тағйироти ҷорӣ:

- барои шахсони воқеӣ 300 (сесад) сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ 600 (шашсад) сомонӣ.

в) Ҳадди аққали Нархнома барои додани шиносномаи техникии такрорӣ (нусха аз асл, дубликат), иваз намудани шиносномаи техникӣ ҳангоми фарсудашавӣ, корношоямӣ ва дигар ҳолатҳои ба инҳо монанд (дар мавриди мавҷуд набудани тағйироти ҷорӣ):

- барои шахсони воқеӣ 200 (дусад) сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ 400 (чорсад) сомонӣ.

18. Биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, объектҳои сохтмони нотамом, ки дар шиносномаи техникӣ барои онҳо нақшаи ошёнавӣ тартиб дода мешавад, ба биноҳои асосӣ дохил мешаванд. Биноҳои ғайриистиқоматӣ ва объектҳои сохтмони нотамом, ки барои онҳо дар шиносномаи техникӣ нақшаи ошёнавӣ тайёр карда намешавад, **инчунин ошёнаҳои зеризаминӣ ва мансард** ба биноҳои ёрирасон дохил мешаванд **(қарор аз 30 майи соли 2023, №35).**

19. Барои ҳисоб намудани Нархномаи бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона масоҳати умумии он бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$S = К_г х\ S_{фҷ}$$

**S** –масоҳати умумии бинои ҷудогона;

**$К_г$**- коэффитсиенти гузариш;

**$S_{фҷ}$** - масоҳати фоиданоки бинои ҷудогона.

$$К_г = S_у / S_ф$$

**$К_г$** - коэффитсиенти гузариш;

**$S_у$** – масоҳати умумии бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ;

**$S_ф$** – масоҳати фоиданоки бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ.

20. Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии баруйхатгирии тағйироти ҷорӣ, агар ин тағйирот аз 50 фоиз зиёд бошад, ҳамчун Нархномаи баруйхатгирии техникии асосӣ ҳисоб карда мешавад.

21. Нархномаҳо барои тайёр намудани шиносномаи техникии биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона аз масоҳати умумии биноҳо ҳисоб карда мешаванд.

22. Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, объектҳои сохтмони нотамом аз масоҳати умумии биноҳои асосӣ ва масоҳати умумии биноҳои ёрирасон ҳисоб карда шуда, дигар бузургиҳо (параметрҳо) ба монанди масоҳати қитъаи замин, иншоотҳои ҳудуди ҳавлӣ, шумораи ниҳолҳо, дарозии иншоотҳои муҳандисии хаттӣ ва ғайраҳо ба инобат гирифта намешаванд.

23. Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии ниҳолҳои бисёрсола аз шумораи ниҳолҳо, Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии пойгоҳи таъмини сузишворӣ аз шумораи колонкаҳо, Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии иншоотҳои муҳандисии хаттӣ аз дарозии ин иншоотҳо, Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии ҳавзҳои моҳигирӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд аз масоҳати умумии ҳавзҳо ҳисоб карда шуда, дигар бузургиҳо (параметрҳо) ба инобат гирифта намешаванд.

24. Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд аз масоҳати онҳо, Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии роҳҳои нақлиётӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд аз масоҳати умумии қитъаҳои замини зери роҳҳо, Нархнома барои тайёр

намудани шиносномаи техникии гулгаштҳо, боғҳои истироҳатӣ, оромгоҳҳо ва дигар иншоотҳои ба инҳо монанд аз масоҳати умумии қитъаи замини ба онҳо вобаста карда шуда ҳисоб карда шуда, дигар бузургиҳо (параметрҳо) ба инобат гирифта намешаванд.

25. Барои осон намудани пардохти маблағи хизматрасониҳо иҷозат дода мешавад, ки дирам то сомонӣ яклухт карда шавад.

Бо қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, таҳти №10 тасдиқ карда шудааст

Бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд

**Нархномаҳо**
**барои тайёр намудани шиносномаи техникии молу мулки ғайриманқул ҳангоми гузаронидани баруйхатгирии техникии асосӣ**

| № т/т | Номгӯи нархномаҳо | Воҳиди ченак | Арзиш бо сомонӣ (бе назардошти ААИ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 м² | 4,0<br>5,0 |
| 2 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, объектҳои сохтмони нотамом:<br>а) барои биноҳои асосӣ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ<br>б) барои биноҳои ёрирасон:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 м²<br><br>1 м² | 6,0<br>8,0<br><br>3,0<br>4,0 |
| 3 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии ниҳолҳои бисёрсола:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 ниҳол | 1,50<br>2,0 |
| 4 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии пойгоҳи таъмини сузишворӣ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 колонка | 500,0<br>650,0 |
| 5 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии иншоотҳои муҳандисии хаттӣ: | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 метр | 1,50<br>2,0 |
| 6 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии ҳавзҳои моҳипарварӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 м2 | 1,0<br>1,3 |
| 7 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 100 м2 | 45,0<br>58,0 |
| 8 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии роҳҳои нақлиётӣ ва дигар иншоотҳои ба ин монанд:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 100 м2 | 25,0<br>32,0 |
| 9 | Нархнома барои тайёр намудани шиносномаи техникии гулгаштҳо, боғҳои истироҳатӣ, хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ, оромгоҳҳо (қабристонҳо) ва дигар иншоотҳои ба инҳо монанд:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 100 м2 | 20,0<br>26,0 |
| 10 | Нархнома барои додани хулоса оид ба тавсифи техникии молу мулки ғайриманкул:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 хулоса | 130,0<br>169,0 |
| 11 | Нархнома барои иваз намудани муқоваи шиносномаи техникӣ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | 1 муқова | 120,0<br>156,0 |

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН